**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи: «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович соли 2014 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи менеҷменти молиявии (ҳоло фаъолияти гумрукӣ)-и факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуд. Ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиёне, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд нишон дод. Ҳангоми иҷрои рисола ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович, масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба ӯ имконият дод 15 кори илмӣ аз чоп барорад, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович аз соли 2011 то 2015 дар кафедраи менеҷменти молиявӣ (ҳоло кафедраи фаъолияти гумруки)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба сифати ассистент кор ва фаъолият намуда, аз моҳи сентябри соли 2015 то моҳи сентябри соли 2018 ассистенти кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз соли 2018 то 2021 дар вазифаи муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва аз соли 2021 то инҷониб ба ҳайси муовини декан оид ба илми факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият карда истодааст. Сатҳи дониш ва методҳои омӯзиши Зубайдов Ҷ.И. ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат мекунад. Зубайдов Ҷ.И. дар бахши фаъолияти илмӣ низ масъулият дошта, ҳамасола бо маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ иштирок менамояд. Ҳангоми кор бо диссертатсия унвонҷӯ худро ҳамчун таҳқиқотчии илмии ташкилотчӣ, сари вакт иҷрокунандаи супоришҳои вобаста ба иҷрои рисолаи илмӣ ва масъулиятшинос нишон дода тавонист. Хислати серталабӣ ташкилотчигӣ ба у имконият дод, то натиҷаҳои ба

дастомадаро ҳаматарафа таҳлилу шарҳ диҳад ва методҳои зарурии тадқиқотиро мустақилона муайян, асоснок ва истифода барад.

Рисолаи номзадии Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи: «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва ба итмомрасидаи илмӣ-квалификатсионӣ буда, арзиши баланди илмӣ дорад.

Бинобар ин, рисолаи илмии Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович илман асоснокшуда ва баохиррасида ба ҳисоб рафта, муҳимияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи баррасии таҳқиқоти илмии муаллиф мебошад. Бо назардошти хусусияти актуалии мавзуи мазкур, сатҳу сифати таҳқиқотҳои илмӣ-назариявӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти рисола пурра ба бандҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” аз 26 июни соли 2021, №267 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, рисолаи номзадии Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи: «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолахои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи молияи Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Кошонова М.Р.

Имзои Кошонова М.Р.-ро тасдиқ менамоям,
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.х. — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

15.01.2024.